Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 57 (4640) | ПАНҶШАНБЕ, 27 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАРОИ БО МАҲСУЛОТИ БАРВАҚТӢ ТАЪМИН НАМУДАНИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ ИМКОНИЯТИ ЗИЁД ДОРАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара**

**27-уми апрели соли 2023**





**Ҳозирини муҳтарам!**

Мулоқоти имрӯзаи мо дар даврае сурат мегирад, ки дар кишвар ва бахусус дар вилояти Хатлон, киштукори баҳорӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор дошта, ҷамъоварии ҳосили барвақтӣ, яъне меваю сабзавот, босуръат идома дорад.

Дар баробари ин, ба ҳамаи шумо ва ҳамватанони азизи мо маълум аст, ки солҳои охир буҳронҳои сиёсӣ дар миқёси сайёра, низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, канда шудани занҷираҳои мавҷудаи интиқоли молҳо, эҳтимоли такрор шудани болоравии нархи молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, оқибатҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла камобию хушксолиҳои пайи ҳам, ки ҳоло дар минтақаҳои гуногуни олам мушоҳида мегардад, инсониятро ба мушкилоти зиёд ва ташвишу нигаронии ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардаанд.

Махсусан, дар соли сипаришуда болоравии бесобиқаи сатҳи таваррум дар як қатор кишварҳо ва идома ёфтани ин раванд дар соли ҷорӣ ва солҳои минбаъда ба вазъи амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон бетаъсир намемонад.

Тибқи пешгӯии Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид соли 2023 нисбат ба солҳои пешин аз нигоҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ғизоӣ боз ҳам вазнинтар шуда, истеҳсоли ғалладона дар ҷаҳон нисбат ба солҳои қаблӣ кам мегардад ва шумораи одамоне, ки ба хатари гуруснагӣ дучор мешаванд, ба 220 миллион нафар мерасад. Бинобар ин, мо вазифадорем, ки дар чунин вазъият ба рушди соҳаи кишоварзӣ беш аз ҳар вақти дигар диққати аввалиндараҷа дода, кишти зироатҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро боз ҳам зиёд кунем ва бозори истеъмолии мамлакатро дар ҳама фаслҳои сол бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намоем.

Таъкид менамоям, ки тибқи таҳлилу хулосаи коршиносон ин давраи ҳассос дарозмуддат ва оқибатҳои он пешгӯинашаванда арзёбӣ мегарданд. Дар чунин шароит танҳо бо саъю талоши ҳар чӣ бештари ҳар як шаҳрванди кишвар ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, аз ҷумла обу замин, мо метавонем ба ҳадафҳои стратегии кишвар, таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат муваффақ гардем.

Барои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мо ҳамаи имкониятҳои зарурӣ, пеш аз ҳама обу замин, таҷриба, деҳқонони асил ва мардуми заҳматқарин, дорем. Аз ҷумла, вилояти Хатлон дар ҳавзаи ду дарёи бузург – Вахш ва Панҷ қарор дорад.

Махсус таъкид менамоям, ки дар вилояти Хатлон ҳамчун калонтарин вилояти кишвар, қабл аз ҳама аз лиҳози кишоварзӣ, чунин имкониятҳо нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат бештаранд ва кишоварзони вилоят бояд дар шароити кунунӣ ба хотири ҳифзи амнияти озуқавории кишвар, таъмин намудани бозори дохилӣ ва зиёд кардани содироти маҳсулот беш аз ҳар вақти дигар саъю талош намоянд. Ҳамчунин, вилояти Хатлон вобаста ба шароити мусоиди иқлим имконияти зиёди бо маҳсулоти барвақтӣ таъмин намудани бозори истеъмолиро дорад.

Бояд гуфт, ки бо мақсади таъмин намудани рушди соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон то ба имрӯз 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 2 миллиарду 100 миллион сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло амалисозии 4 лоиҳаи дигар ба маблағи як миллиард сомонӣ идома дорад. Дар ин раванд, дар 15 соли охир хоҷагиҳои кишоварзии вилоят аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо зиёда аз 2 ҳазор техникаи кишоварзӣ ва 6 ҳазору 600 мошинолоти кишоварзӣ таъмин карда шудаанд.

Бо вуҷуди он ки дар семоҳаи аввали соли 2023 маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон 41 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии кишварро ташкил додааст, вале тибқи таҳлилҳо, имкониятҳои соҳа ҳоло ҳам пурра истифода нагардидаанд. Масалан, дар вилоят имконияти зиёд намудани майдони кишт аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои партов, бахусус заминҳои обии бекорхобида, мавҷуд мебошад.

Дар вилоят қариб 16 ҳазор гектар заминҳои партов, аз ҷумла 14,4 ҳазор гектар заминҳои обӣ, мавҷуданд, ки чунин вазъ хеле нигаронкунанда мебошад. Такроран таъкид менамоям, ки дар шароити бисёр вазнини имрӯза роҳ додан ба бекор мондани замин гуноҳ дорад ва ҳатто ҷиноят аст.

Тамоми мардуми Тоҷикистон, пеш аз ҳама, кишоварзон ва ҳар як оиларо зарур аст, ки ба истифодаи самараноки обу замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ ва рӯёнидани се – чор ҳосил, диққати аввалиндараҷа диҳанд. Махсусан, ба кишти картошка, лӯбиёгиҳо ва сабзавот, аз ҷумла пиёз, ки дар бозори дохилӣ ва минтақа талабот ба онҳо зиёд мебошад, инчунин, ба масъалаи захираи маҳсулот барои фасли тирамоҳу зимистон эътибори ҷиддӣ дода шавад. Дар ин самт, роҳбарону мутахассисони вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон вазифадоранд, ки ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, бо тухмии хушсифат ва нуриҳои маъданӣ таъмин намудани хоҷагиҳо тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тибқи маълумот, дар вилояти Хатлон то 17-уми апрели соли ҷорӣ дар майдони 193 ҳазор гектар кишти баҳорӣ гузаронида шудааст, ки аз он 18 ҳазор гектарро зироатҳои ғалладонагӣ, 131 ҳазор гектар зироатҳои техникӣ, 6 ҳазор гектар картошка ва 19,2 ҳазор гектарро сабзавот ташкил дода, дурнамои кишти баҳорӣ 92 фоиз таъмин гардидааст.

То 17-уми апрели соли ҷорӣ ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои зиёди вилоят, ғайр аз ноҳияҳои Вахш, Панҷ, Темурмалик, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ёвон, Шаҳритус ва Кӯшониён, иҷро нагардидааст.

Соли гузашта пиёз дар яке аз ноҳияҳои асосии истеҳсолкунандаи он – ноҳияи Ҷайҳун 1038 гектар кам кишт карда шуд, ки боиси камчинии маҳсулот ва болоравии нархи он дар бозорҳои вилоят ва мамлакат гардид. Яъне, аз ҳисоби танҳо дар як ноҳия пурра таъмин нашудани кишти пиёз истеҳсоли он зиёда аз 50 ҳазор тонна кам гардид.

Дар баробари ин, то 17-уми апрели соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбат ба дурнамо дар майдони 1900 гектар кишти картошка кам шудааст. Роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор карда мешаванд, ки доир ба бартараф кардани камбудиҳои зикршуда ва зиёд намудани майдони кишти такрорӣ аз ҳисоби шолӣ, маккадон, лӯбиёгиҳо ва картошка чораҷӯӣ намоянд.

Дар кишвар 184 ҳазор гектар заминҳои корами наздиҳавлигию президентӣ дар ихтиёри аҳолӣ қарор доранд, ки 105 ҳазор гектари онҳоро заминҳои обӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигии корам 125 ҳазор гектар, аз он обӣ 71,7 ҳазор гектар ва заминҳои президентӣ 59 ҳазор гектар, аз он обӣ 33 ҳазор гектар мебошад. Агар дар ин заминҳои наздиҳавлигии корам иловатан 10 - сентнерӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардад, пас ҳаҷми истеҳсоли он ба 125 ҳазор тонна афзоиш меёбад. Дар сурати истеҳсоли 20 - сентнерӣ ҳосил афзоиши ҳаҷми он дар миқёси кишвар 250 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Дар вилояти Хатлон, дар маҷмӯъ 82,6 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигию президентӣ дар ихтиёри аҳолӣ қарор доранд, ки 55 ҳазор гектари онҳо замини обӣ мебошад. Аз ҷумла, замини наздиҳавлигии корам 56 ҳазор гектар, аз он обӣ 39 ҳазор гектар ва заминҳои президентӣ 26,4 ҳазор гектар, аз он обӣ 16,6 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

(Идома аз шумораи гузашта)

**25-уми апрели соли 2023 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант бинои нави хуштарҳу замонавии Раёсати молияро ифтитоҳ карданд.**



Он бо дастуру супоришҳои Сарвари давлат дар доираи нақшаи чорабиниҳои ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, бо шароити корӣ ҷиҳати фаъолияти босамари кормандони соҳаи молияи шаҳри Левакант таъмин мебошад.

Бинои Раёсати молия дар шаҳри Левакант дуошёна буда, дорои 8 ҳуҷраи корӣ, китобхона, ҳуҷраи техникӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Барои анҷоми корҳои сохтмонӣ ва муҷаҳҳазсозии иншоот наздик ба 3 миллиону 300 ҳазор сомонӣ маблағ сарф шудааст.

Аснои шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои корӣ дар бинои нави Раёсати молияи шаҳри Левакант Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, кормандонро ҷиҳати татбиқи босамари низоми молиявӣ, мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, роҳандозии дақиқу дурусти ҳисоботи молиявӣ, омӯзиши густурдаи технологияи муосири низоми молиявӣ, сарфакорона равона сохтани маблағҳои буҷети давлатӣ ба хотири рушди соҳаҳои иқтисоди миллии мамлакат муваззаф сохтанд.

Ҳайати кормандони ин ниҳоди муҳими давлатӣ аз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти нав ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи сипосу миннатдорӣ карда, қавл доданд, ки ҷиҳати ташаккули низоми молиявии мамлакат бештар кор хоҳанд кард.

**Дар идомаи сафар Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шаҳри Левакантро мавриди истифода қарор доданд.**

Сохтмони иншоот дар доираи татбиқи сиёсати бунёдкоронаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон сурат гирифта, бунёди он бо сифати баланд анҷом дода шудааст.

Бинои шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шаҳри Левакант аз се ошёна ва таҳхона иборат буда, дар ошёнаи якум 3 ҳуҷраи корӣ, китобхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон ҷойгир карда шудааст. Дар ошёнаҳои дуюм ва сеюм бошад, хонаҳои истиқоматии хизматӣ барои кормандони мақомот бунёд гардидааст.

Аснои шиносоӣ бо шароити кор дар иншоот Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, кормандони мақомотро барои анҷоми хизмати софдилона ба нафъи давлату миллат ҳидоят карданд.

Инчунин ба чанд нафар кормандони шуъбаи шаҳрии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Левакант калиди хонаҳои истиқоматӣ тақдим карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ба истифода додани иншооти нав, ҳамчунин ба хотири сифатан хуб ба роҳ мондани фаъолияти хизматӣ ба ҳайати шахсии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 8 автомашинаи махсуси хизматӣ тақдим карданд.

Ҳамин тариқ бо амалӣ кардани ташаббуси навбатии созандагӣ, яъне ба истифода додани шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шаҳри Левакант, барои кормандон шароити мусоиди фаъолият ва зиндагӣ фароҳам оварда шуд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант, ҳамчунин, ба Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» ташриф оварда, гидроагрегати рақами 1-и онро ба кор дароварданд.**

Гидроагрегати рақами 1-и неругоҳ баъд аз таҷдиду навсозӣ бо тавоноии 39 МВт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» бо иқтидори лоиҳавии 240 МВт панҷумин иншооти калони амалкунандаи гидроэнергетикии мамлакат дар дарёи Вахш мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки сохтмони Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» дар заминаи НБО «Шаршара» ҳанӯз соли 1956 оғоз гардида, аввалин гидроагрегати он соли 1962 ба кор дароварда шудааст. Бинобар истифодабарии тӯлонӣ қисми зиёди таҷҳизоти электромеханикӣ ва гидромеханикии неругоҳ ва дастгоҳҳои тақсимкунандаи кушодаи он фарсуда шуда буд.

Дар неругоҳ дар давоми 60 сол ба ғайр аз таҷдиди як гидроагрегат дигар ҳеҷ гуна корҳои таҷдиду навсозӣ анҷом дода нашуда буд ва иқтидори истеҳсолии он ҳамагӣ 160 МВт - ро ташкил медод. Бо дарназардошти ин соли 2013 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба амалӣ намудани лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» созишномаи грантӣ ба маблағи 136 миллион доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд.

Мақсад аз татбиқи лоиҳаи мазкур баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, таъмини кори муназзаму босамари неругоҳ ва мутобиқ намудан ба стандартҳои муосири техникӣ мебошад.

Дар асоси созишнома лоиҳа аз ду марҳила иборат буда, марҳилаи якуми он пурра иваз намудани 5 агрегат, 2 автотрансформатор, бунёди бинои нави идоракунӣ ва дигар корҳои ба он алоқаманд буда, марҳилаи дуюми лоиҳа таҷдиди дастгоҳҳои тақсимкунандаи кушодаи 220/110 - киловолтаро дар бар мегирад.

Татбиқи марҳилаи якуми лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» бо иқтидори 240МВт»-ро ширкати паймонкор - «Синохайдро»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой ба уҳда дошта, дар марҳилаи аввал ба анҷом расонидани корҳои таҷдиду навсозии гидроагрегатҳои №1, 2, 3, 5, 6, дарғотҳои обпарто, системаи ҳавои фишоршудаи неругоҳ, дастгоҳҳои оташнишонӣ, васли автотрансформаторҳои АТ-2, АТ-3, бунёди бинои нави марказӣ идоракунии неругоҳ, таъмири бинои толори мошинаҳо, барқарорсозии ҳамаи кранҳои борбардори неругоҳ, корҳои сохтмони бинои об ва равғанҷудокунандаи садамавӣ, дастгоҳи тақсимоти марказӣ, системаи равшаннамоии неругоҳ, иваз намудани таҷҳизот дар устохонаҳои механикию электрикӣ, дигар дастгоҳу таҷҳизоти ёрирасон ва мустаҳкамкунии соҳили рости канали пайвасткунанда пешбинӣ гардидааст.

Дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи лоиҳа агрегатҳо, трансформаторҳо ва дигар таҷҳизоти навтарини барқӣ аз ҷумҳуриҳои Германия, Италия, Ҳиндустон, Хитой ва Қазоқистон ворид карда шудаанд.



Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои анҷомёфта дар самти таҷдиду навсозии Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» баҳои баланд доданд.

Зимни суҳбат бо кормандону мутахассисон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Сарбанд»-ро боз як қадами устувору воқеӣ дар самти расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - расидан ба истиқлолияти комили энергетикии кишвар арзёбӣ намуда, таъкид карданд, ки акнун баъд аз таҷдиду навсозии пурра неругоҳ солҳои зиёд бо истеҳсоли қувваи барқи аз лиҳози экологӣ безарар дар рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол хизмат хоҳад кард.

Мувофиқи ЛОТ-1-и лоиҳаи «Барқарорсозии Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» баъд аз таҷдиду навсозӣ гидроагрегати №5 моҳи ноябри соли 2018 бо тавоноии 49МВт, гидроагрегати №6 моҳи августи соли 2019 бо тавоноии 49МВт, гидроагрегати №2 моҳи ноябри соли 2020 бо тавоноии 39МВт, гидроагрегати №3 моҳи марти соли 2022 бо тавоноии 49МВт ва инак, гидроагрегати №1 бо тавоноии 39МВт ба кор дароварда шуд. Ёдовар мешавем, ки гидроагрегати №4-и неругоҳ бо тавоноии 45 МВт ҳанӯз соли 2012 пурра таҷдиду навсозӣ гардида буд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

(Идома аз саҳ. 1)

Тибқи ЛОТ-2-и лоиҳа, аз тарафи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ва Ширкати паймонкор - Консорсиуми «Генсер-ЧИ»-и Ҷумҳурии Туркия шартнома оид ба барқарорсозии зеристгоҳҳои барқии 220 ва 110-киловолта баста шуда, корҳо дар ин самт пурра иҷро шудааст. Аз ҷумла, барқарорсозии дастгоҳҳои тақсимкунандаи кушодаи 220 кВ ва 110/35/6 кВ бо дарназардошти пурра иваз намудани таҷҳизоти асосию ёрирасони онҳо, аз қабили иваз намудани трансформаторҳои қудратӣ, трансформаторҳои шиддат, трансформаторҳои ҷараён, дастгоҳҳои тақсимкунандаи комплектии 35/6 - киловолта, васлакҳои равғанӣ, ҷудокунакҳо, хатҳои интиқоли барқи мавҷуда дар ҳудуди неругоҳ ва биноҳои идоракунӣ, дар доираи қисмати дуюми лоиҳа амалӣ карда шуд.

Аз сабаби кӯҳнаю фарсуда будани таҷҳизоти электромеханикӣ ва гидромеханикии неругоҳ то оғози лоиҳа иқтидори миёнаи он 160 МВт-ро ташкил менамуд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи «Барқарорсозии Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» иқтидори лоиҳавии неругоҳ аз 240 МВт ба 270 МВт бардошта шуда, сатҳи хизматрасонӣ дар неругоҳ ва истеҳсолу таъминоти неруи барқ ба таври назаррас баланд бардошта шуд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки тавассути генераторҳои таҷдидшуда то 20-уми апрели соли 2023 ба миқдори 3 миллиарду 132 миллиону 724 ҳазору 560 кВт/соат қувваи барқ дар неругоҳ истеҳсол карда шудааст.

Имрӯзҳо дар Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» 162 корманд, аз ҷумла 25 нафар занону бонувон, фаъолият доранд, ки ҳайати муҳандисиву техникӣ 75 нафарро ташкил медиҳад.

Бо мақсади таъмини бехатарӣ ва истифодабарии боэътимоди неругоҳ дар канали пайвасткунанда корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бомаром ҷараён дошта, аз сатҳи 455 то 460,5 метр корҳои оҳану бетонрезӣ дар ҳаҷми 1800$м^3$ бо дарозии 90 метр ба нақша гирифта шудааст. Ҳоло ҳаҷми иҷрои корҳо дар ин самт 50 фоизро ташкил дода, корҳои бетонрезӣ дар ҳаҷми 1215 $м^3$ ба анҷом расидааст.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади амалӣ намудани нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ истифодаи оқилонаву босамари захираҳои гидроэнергетикии мамлакат, сохтмон ва таҷдиду барқарорсозии неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ оғоз гардида, хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ бунёд карда шудаанд.

Ҳамаи ин ташаббусҳои бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушду пешрафти соҳаҳои иқтисоди миллии мамлакат ва ба ин восита таъмини зиндагии шоистаи халқи тоҷик ва шукуфоии аз ин ҳам бештари Тоҷикистони соҳибистиқлол равона гардидааст.



**26-уми апрели соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Сафобахш»-и ноҳияи Данғара Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он сеошёна буда, дар доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо мақсади фароҳам овардани шароити арзандаи таълиму тарбия бунёд шудааст.

Муассисаи таълимӣ барои 1 ҳазору 280 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, корҳои сохтмонии он бо дастгирии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 оғоз ёфта ва аз ҷониби Ширкати хитоии Повер Чайна «POVER – CHINA» дар муҳлати муқарраршуда бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Муассисаи замонавии таълимӣ аз 27 синфхонаи барҳаво, аз ҷумла кабинетҳои фаннии химия, физика, математика, синфхонаҳои технологияи таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, синфхонаҳои компютерӣ, китобхонаву толори барҳавои хониш бо 24 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандони муассиса ва дигар иншооти ёрирасон, иборат мебошад.

Дар ҳуҷраҳои озмоишгоҳии мактаб асбобу аёниятҳои дарсӣ мавҷуданд, ки хонандагон аз онҳо барои дар амал гузаронидани таҷрибаҳои гуногун босамар истифода мебаранд. Дар синфхонаи компютерӣ, ки бо дастгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз аст, хонандагон имкон доранд, аз нозукиҳои кор бо технологияи иттилоотӣ бохабар бошанд.

Акнун бо мавриди истифода қарор додани ин муассисаи зебову замонавӣ мушкилии қаблан мавҷудбудаи норасоии ҷойҳои нишаст пурра аз байн рафт.

Барои иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри соҳибкасб гардонидани хонандагон асбобҳои дуредгарӣ, кандакорӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ ва дигар шароити муосир фароҳам буда, духтарон баробари омӯхтани дӯхтани сарулибоси миллӣ, ҳамзамон бо роҳнамоии омӯзгорон таомҳои гуногун омода мекунанд. Ҳамчунин, дар синфхонаҳои фанни физика, химия ва математика шароити муосир барои илмомӯзӣ, аз ҷумла видеопроектор бо тахтаҳои электронӣ, мавҷуд аст.

Ёдовар мешавем, ки собиқ бинои ин муассиса, ҳанӯз соли 1937 сохта шуда, ба талаботи замони имрӯза ҷавобгӯ набуд.

Барои тарғибу ташвиқи бештари варзиш ва ба ин восита ташаккул додани тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таълимӣ ду майдончаи варзишӣ сохта шудааст, ки дар онҳо имконияти бозии футбол, баскетбол ва волейбол мавҷуд мебошад.

Бо мақсади ташкил ва баргузор кардани ҷамъомаду чорабиниҳои гуногуни оммавию фарҳангӣ дар таълимгоҳ толори барҳаво барои гузаронидани маҷлис бо 150 ҷойи нишаст сохта шудааст. Маҷлисгоҳ бо мизу курсии босифат ва дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз буда, бо санъати миллии меъморӣ оро ёфтааст.

Дар ошёнаи якуми бинои муассиса ошхона мавҷуд аст, ки барои 160 ҷойи нишаст пешбинӣ гардидааст ва дар он ба таълимгирандагон хӯрокҳои болаззат дода мешавад.

Дар муассиса барои таълиму тарбияи хонандагон 50 нафар омӯзгори соҳибтахассус кору фаъолият менамоянд.

Муассисаи таълимӣ дорои шабакаи мустақили гармидиҳӣ мебошад, ки тариқи он синфхонаҳо дар фаслҳои сармо гарм нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳадаф аз бунёд ва ба истифода супоридани муассисаи нави таълимӣ



дар ноҳияи Данғара идомаи мантиқии сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин восита беҳтар кардани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат дар рӯҳияи илмомӯзӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Саҳн ва атрофи бинои нави муассисаи таълимӣ сабзу хуррам буда, дарахтони сояафкан ва гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёшуда дар иншооти таълимии навбунёд ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба омӯзгорон барои истифодаи оқилонаи имкониятҳои мавҷуда ва тарбия намудани ҷавонони босаводу лаёқатманд дастуру ҳидоятҳо доданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафар дар маркази ноҳияи Данғара бо рафти корҳои сохтмонӣ дар бинои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон шинос шуданд.**

Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат дар майдони беш аз 23 гектар марҳила ба марҳила бунёд карда мешавад.

Тибқи лоиҳаи тарҳрезишуда, дар он ҷо беш аз 15 бино ва дигар иншооти ёрирасон, аз ҷумла бинои асосӣ, чор бинои таълимӣ, ду хобгоҳ барои донишҷӯён, хобгоҳ барои омӯзгорон, се толори лексионӣ, ошхона, толору майдончаи варзишӣ, ҳавзи шиноварӣ ва як дармонгоҳи замонавӣ бо тарҳи ҷадид ва мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонии сохтмону меъморӣ бунёд ёфта, бо дастгоҳу таҷҳизоти навтарин ва ашёи илмомӯзӣ муҷаҳҳаз карда мешавад.

Зимни шиносоӣ бо корҳои сохтмонӣ иттилоъ дода шуд, ки бинои асосии донишгоҳ аз чор иншоот иборат буда, барои 900 донишҷӯ пешбинӣ гардидааст.

Бинои асосӣ аз 71 синфхона, 255 ҳуҷраҳои корию ёрирасон иборат буда, барои истифодаи кафедраҳои гуногун, толорҳои лексионию баргузории конфронс, осорхона, китобхона, озмоишгоҳҳои гуногун, маркази тестӣ ва дигар шуъбаҳои ин муассисаи олии таълимии касбӣ нигаронида шудааст.

Дар он ҷо ҳамзамон як маҷлисгоҳи калон бо 1200 ҷойи нишаст, китобхона, толори электронии китобхонӣ бо 80 ҷой, таҳхона барои нигаҳдории китоб, ошхона бо 300 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон сохта мешавад.

Фармоишгари иншоот Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншоотҳои ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳакаш ҶСК «ПИЛҶ САНИИОСП» ва пудратчии асосӣ ҶСК «СТС иншоот» мебошад.

Айни ҳол дар корҳои сохтмонӣ беш аз 200 нафар сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шудаанд.

Бояд гуфт, ки рафти корҳои бунёдӣ зери назорати доимӣ қарор дошта, ҳамаи биноҳои таълимию ёрирасони донишгоҳи мазкур дар асоси лоиҳа бо сатҳу сифати баланд сохта мешаванд.

Дар асоси дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои асосӣ, бинои таълимии рақами як ва ошхонаи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара имсол дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара аз соли 2016 фаъолият дорад ва дар он айни ҳол 2250 донишҷӯ дар се факултет таҳсил доранд.

Баъди бунёди ҳамаи биноҳои донишгоҳ ва таъсиси кампус дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон барои таҳсили бештар аз 5000 нафар донишҷӯ шароит фароҳам оварда мешавад. Зимни шиносоӣ бо рафти сохтмон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба коргарон барои дар муҳлати муайяншуда ва бо сифати баланд анҷом додани корҳо дастуру супоришҳо доданд.

Қобили зикр аст, ки 17-уми июни соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара бинои хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлонро ифтитоҳ намуданд.

Бинои хобгоҳи донишҷӯён аз таҳхона, 9 ошёна ва 133 ҳуҷра барои истиқомат бо 800 ҷойи хоб иборат мебошад. Дар маҷмӯъ, дар иншооти нав ҷиҳати истиқомат, дарстайёркунӣ ва фароғат барои донишҷӯён беҳтарин шароит фароҳам оварда шудааст.

5-уми ноябри соли 2018 бошад, дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Коллеҷи тиббиро мавриди истифода қарор доданд. Коллеҷи тиббӣ аз ду бинои панҷошёнаи хуштарҳу замонавии таълимӣ иборат буда, барои ба таҳсил фаро гирифтани 1510 нафар донишҷӯ пешбинӣ шудааст.

Биноҳои таълимии Коллеҷи тиббӣ дорои 75 синфхонаи таълимӣ ва 38 ҳуҷраи корӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон барои таъмин намудани муассисаҳои тандурустии вилоят бо кадрҳои баландихтисоси соҳа таъсис ёфтааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалисозии ин тарҳро идомаи иқдомоти созандаи Ҳукумати мамлакат унвон карда, онро дар беҳдошти солимии ҷомеа қадами устувор арзёбӣ намуданд.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, бо лоиҳаи бунёди шуъбаи таваллуд ва рафти корҳои сохтмонӣ дар бинои Маркази саломатии бисёрсоҳаи ноҳияи Данғара шинос шуданд.**

Зимни муаррифии лоиҳаи бунёди шуъбаи таваллуд дар Беморхонаи марказии ноҳияи Данғара иттилоъ дода шуд, ки иншоот бо 80 кат барои қабули шаҳрвандон хизмат мерасонад.

Масоҳати бинои шуъбаи таваллуд 1325 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Бино аз се ошёнаву таҳхона ва 62 ҳуҷра, аз ҷумла шуъбаи таваллуд, амрози занона, бемориҳои гуногун, маркази таъҷилӣ, нақшавӣ ва ҷарроҳӣ иборат аст. Ҳамчунин, барои беҳтар кардани шароити корӣ дар шуъбаи таваллуд бунёди толори маҷлис, шуъбаи рентгенологӣ ва ошхона ба нақша гирифта шудааст.

Зимни шиносоӣ бо тарҳи лоиҳаи иншооти соҳаи тандурустӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба коргарону сохтмончиён барои иҷрои босифату саривақтии корҳо дастуру супориш доданд.

Дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рафти корҳои сохтмонӣ дар Маркази саломатии бисёрсоҳавӣ дар ноҳияи Данғара шинос шуданд.

Фармоишгари бунёди иншоот Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳакаш Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корезлоиҳа» ва пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наврӯз-01» буда, он дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба модару кӯдак дар чор ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад.

Тибқи лоиҳа, Маркази саломатӣ аз се қисм иборат буда, биноҳои канорӣ шашошёнагӣ ва бинои марказӣ ҳафтошёна мебошад. Марказ дар масоҳати 0,93 гектар ҷойгир шудааст.

Маркази саломатии бисёрсоҳавӣ бо харҷи 4 миллиону 684 ҳазору 870 доллари америкоии маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд бунёд мешавад.

Айни ҳол бо ҷалби кормандони ширкатҳои сохтмонии ватанӣ корҳои сохтмонӣ бомаром ҷараён дорад ва дар нақша аст, ки иншооти муҳими соҳаи тандурустӣ дар рӯзҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз соли 2024 бо тарҳи зебову замонавӣ ба истифода дода шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо рафти корҳои сохтмонӣ ба коргарону мутахассисон барои анҷоми корҳои босифату сари вақт мавриди истифода қарор додани Маркази саломатии бисёрсоҳавӣ дар ноҳияи Данғара дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Мавриди зикр аст, ки бо дастгирии Ҳукумати мамлакат шароити хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон беҳтар гардида истодааст.

Беморхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла ноҳияи Данғара, бо мошинҳои «Ёрии таъҷилӣ», дастгоҳу таҷҳизоти муосири ташхису табобат ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин мегарданд.

Ҳамаи ин пешравиҳоро кормандони соҳа аз шарофати сулҳу субот, ваҳдату Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати бобарори Ҳукумати мамлакат маънидод мекунанд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Данғара бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғараро мавриди истифода қарор дода, бо шароити кори он шинос шуданд.**

Иншооти хуштарҳу замонавӣ дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи муосири меъморӣ ва нақшу нигори миллӣ бунёд ёфта, дар он барои кормандону мутахассисон шароити мусоид барои кору хизматрасонӣ муҳайё шудааст.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара аз 5 ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 54 ҳуҷраи корӣ, китобхона, шуъба ва бахшҳои соҳавӣ, гӯшаи намоиши ҳунарҳои мардумӣ, коргоҳи дӯзандагӣ, ошхона, маҷлисгоҳ барои 120 ҷойи нишаст ва 10 ҳуҷраи ёрирасон мебошад.

Дар корҳои сохтмонӣ, ки он моҳи феврали соли 2021 оғоз ёфт, 70 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд. Мавриди зикр аст, ки қаблан кормандону мутахассисон дар бинои кӯҳна фаъолият мекарданд, ки дар он шароити хуби корӣ мавҷуд набуд.

Бо дастгирӣ ва ҷонибдорӣ аз сиёсати созандаву бунёдкоронаи Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои муҳташаму замонавӣ бо беҳтарин имконоти хизматрасонӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд, ки барои пешбурди фаъолияти минбаъда самаранок истифода хоҳад гардид.

Дар ошёнаи якум, ғайр аз толори хурди маҷлисгоҳ, шуъба ва бахшҳои соҳавӣ, ҳуҷраи ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» ҳамзамон барои сайқал додани дониши кормандон китобхонаи замонавӣ таъсис ёфтааст, ки дар он асарҳои мондагори Пешвои миллат, рӯзномаву маҷалла ва китобҳои тозанашри адибону шоирон ва нависандагони классику муосир дар шакли чопӣ ва электронӣ мавҷуд аст.

Рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ба мардум яке аз ҳадафҳои асосӣ ва созандаи фаъолияти ҳизб ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ аз шароити фароҳамгардида ва суҳбати самимӣ бо кормандону мутахассисони Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара ҷавонон, хоса масъулони соҳаро барои боз ҳам вусъат додани тадбирҳои ободонӣ ва беҳтар сохтани шароити хуби зиндагӣ ба сокинон ҳидоят намуданд.

Аз рӯи тарҳ дар ошёнаҳои дуюм, сеюм ва чоруми бино ҳуҷраҳои корӣ барои кормандон муайян шудааст, ки бо мизу курсӣ, компютер ва дигар таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин мебошанд.

Маҷлисгоҳи барҳаво дар ошёнаи 5-уми бино ҷойгир буда, сақф ва девори он бо ҷалби ҳунармандон гаҷкорӣ ва бо нақшу нигори миллӣ оро ёфтааст, ки барои гузаронидани маҳфилу чорабиниҳо макони мувофиқ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз толори маҷлисгоҳи барҳаво ва дигар ҳуҷраҳои корӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд доданд. Дар доираи корҳои ободонӣ бино ва ҳамаи ҳуҷраҳо бо системаи гармидиҳӣ таъмин гардидааст.



Фармоишгари иншоот Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Интергрупп» мебошад.

Гӯшаи намоиши ҳунарҳои мардумӣ, ошхона ва коргоҳи хурди дӯзандагӣ дар таҳхонаи бино ҷойгир мебошад. Занону духтароне, ки айни ҳол дар коргоҳи навтаъсис фаъолият доранд, баъд аз гузаштан аз курсҳои омӯзишӣ ба кор қабул гардида, феълан онҳо мувофиқи дархост ба дӯхти сарулибоси мактабӣ, миллӣ ва сарулибоси ягонаи корӣ машғуланд. Бо ташкили коргоҳи дӯзандагӣ 12 нафар занону духтарон соҳиби ҷойи кори мувофиқ гардиданд.

**26-уми апрели соли 2023 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Рахшонзамини ноҳияи Данғара меҳмонхонаи «Комрон+П»-ро ба истифода доданд.**

Он бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолсозии нақши бахши хусусӣ дар пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз ҷониби соҳибкор Комрон Солеҳзода сохта шудааст. Масоҳати меҳмонхона 238 метри мураббаъро ташкил намуда, он аз 5 ошёна иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароити фароҳамшуда баҳои баланд дода, коргаронро ҷиҳати мутобиқ ба талаботи замон хизмат расонидан ба мизоҷон вазифадор намуданд.

Меҳмонхона аз 16 ҳуҷра иборат буда, имкон дорад, ки дар як вақт ба 30 нафар хизмат расонад. Ҳамзамон, бино дорои ошхона, маҷлисгоҳ ва дигар шароити зарурӣ мебошад.

Дар вақти бунёди иншооти мазкур 15 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин буданд. Баъди ба истифода додани меҳмонхона бошад, 10 нафар бо ҷойи кори доимӣ фаро гирифта шуданд.

Ноҳияи Данғара, ки дорои табиати дилфиреб ва мавзеъҳои таърихӣ мебошад, бунёду ба истифода додани меҳмонхона ва ба талаботи сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани шароити хизматрасонӣ ба пешрафти соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёду ба истифода додани иншооти муосирро намунаи асосии татбиқи нақшаи чорабиниҳои ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бе ҷалби маблағҳои буҷетӣ арзёбӣ карданд.

Меҳмонхона аз ҳисоби маблағҳои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Комрон+П», ки аз соли 2003 инҷониб фаъолият мекунад, сохта ба истифода дода шудааст.

Таҳкими корҳои ободонӣ ва бунёду ба истифода додани иншооти гуногун аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоиро таъмин ва ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Меҳмонхонаи «Комрон+П» дар шафати роҳ воқеъ буда, сайёҳону меҳмонон метавонанд минбаъд аз хизматрасонии он дар ноҳияи Данғара баҳравар шаванд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара Кооперативи тиҷоратии «Моҳипарварии Каёнуш»-ро ба истифода доданд.**

Ҳадаф аз таъсиси хоҷагӣ ва ба роҳ мондани парвариши навъҳои гуногуни моҳӣ таъсиси ҷойҳои нави кор, таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, ба содирот нигаронидани он ва таъмини пешрафти соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия дониста мешавад.

Баъди шинос шудани Президенти мамлакат бо фаъолияти хоҷагӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳавзҳо 55 ҳазор моҳича сар доданд.

Дар хоҷагӣ парвариши моҳии навъи «бестер» ба роҳ монда мешавад, ки дар ҷумҳурӣ аввалин маротиба мебошад. Оянда дар назар аст, ки дар ин хоҷагӣ беш аз 100 ҳазор моҳӣ парвариш ёбад.

Корҳои сохтмонӣ дар ҳавзи моҳипарварӣ соли 2022 дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби соҳибкор Асадулло Исоев оғоз шуда, ҳоло мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Масоҳати умумии ҳавзҳои моҳипарварӣ 17 гектарро ташкил дода, дар он навъҳои гуногуни моҳӣ парвариш карда мешавад. Ҷиҳати зиёд намудани навъҳои парваришёбандаи моҳӣ ва ба ин васила зиёд кардани истеҳсоли он дар хоҷагӣ панҷ ҳавз таъсис дода шудааст.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки дар марҳилаи аввал парвариши 43 ҳазор моҳӣ, аз қабили навъҳои моҳии сазан, пешонағафси сафед ва амури сафед, ба роҳ монда шудааст. Масъулон нақша доранд, ки дар оянда навъ ва миқдори моҳиро бештар кунанд.

Баъди ба фаъолият оғоз кардани ҳавзҳои моҳипарварӣ дар Кооперативи тиҷоратии «Моҳипарварии Каёнуш» даҳ нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ноҳияи Данғара солҳои охир моҳипарварӣ рушд карда, ҳоло фаъолияти 26 хоҷагии моҳипарварӣ дар 30 гектар замин ба ҳамин самт равона шудааст.

Истеҳсоли гӯшти моҳӣ соли 2022 дар ноҳия 40 тоннаро ташкил дод. Дар се моҳи аввали соли 2023 бошад, 7,5 тонна гӯшти моҳӣ истеҳсол шудааст. Шароиту имконияти мусоиди моҳипарварӣ дар кишвар муҳайё аст ва истифодаи муфиди имконияти мавҷуда ба пешрафти дучанди он мусоидат мекунад.

Таъсиси хоҷагиҳои нави моҳипарварӣ бо истифода аз технологияи нав, додани имтиёзҳои мусоид ба соҳибкорон дар самти мазкур фаъолияткунанда, таъсиси корхонаҳои истеҳсоли хӯроки моҳӣ ва коркарди гӯшти он аз ҷумлаи омилҳои тақондиҳандаи рушди соҳа арзёбӣ мегардад.

Ҳамаи ин тадбирҳо аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии рушди соҳаи моҳипарварӣ», ба хотири пешрафти ин соҳаи сердаромад, таъсиси ҷойҳои нави кор, ба даст овардани даромади иқтисодӣ ва, дар маҷмӯъ, беҳдошти сатҳи зиндагии мардум дониста мешавад.

**27-уми апрели соли 2023 дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон мулоқот карданд.**

Дар мулоқот Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, аъзои Ҳукумати кишвар, раисони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Ҳадафи сафари корӣ дар вилояти Хатлон ва мулоқот бо роҳбарону фаъолон вобаста ба вазъи бӯҳронии ҷаҳони муосир баррасӣ кардани вазъи иқтисодию иҷтимоии вилоят, шиносоӣ бо рафти корҳои кишоварзӣ, вусъати тадбирҳои ободонию созандагӣ ва истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим, таъсири он ба иқтисоди кишвар ва бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарону фаъолон вазифаҳои мушаххас гузошта, чунин таъкид намуданд: «Мо вазифадорем, ки дар чунин вазъият ба рушди соҳаи кишоварзӣ беш аз ҳар вақти дигар диққати аввалиндараҷа дода, кишти зироатҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро боз ҳам зиёд кунем ва бозори истеъмолии мамлакатро дар ҳама фаслҳои сол бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намоем».

Таъкид гардид, ки тамоми мардуми Тоҷикистон, пеш аз ҳама, кишоварзон ва ҳар як оиларо зарур аст, ки ба истифодаи самараноки обу замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ ва рӯёнидани се - чор ҳосил диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки барои мунтазам таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватаниву хориҷӣ доир ба зиёд намудани майдони гармхонаву сардхонаҳои замонавӣ, ташкили корхонаҳои бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси марказҳои логистикӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Бо дарназардошти ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави кор, фароҳам овардани шароити мусоиди инфрасохторӣ ва рушди соҳаҳои афзалиятнок зарур шумурда шуд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор шуд, ки якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сармоягузорон барои ҷоннок намудани фаъолияти корхонаҳои амалкунанда ва барқарорсозии фаъолияти корхонаҳои аз кор бозмонда, чораҷӯӣ намоянд.

Вобаста ба таъмини иҷрои нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо ва коҳиш додани ҳаҷми бақияи қарзи андозҳо дар вилоят роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки якҷо бо Вазорати молия ва Кумитаи андоз ҷиҳати сари вақт ва пурра ҷамъоварӣ намудани андозҳо, кам кардани бақияпулии онҳо ва роҳ надодан ба қарздории музди меҳнат тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар робита ба ҳадафҳои Ҳукумати кишвар дар самти рушди соҳаи маориф роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм барои ҳалли камбудиҳои ҷойдошта, хусусан таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон, таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва иҷрои саривақтиву босифати барномаҳои давлатии қабулгардида, тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ намоянд.

Масъулини вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш гирифтанд, ки якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои шуғлнокӣ ва соҳибкасб гардонидани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд, тадбирҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба риояи қонунияту тартибот ва волоияти қонун дар вилояти Хатлон, пешгирӣ кардани ҳама гуна қонуншиканиву ҷинояткорӣ ва таъмин намудани волоияти қонун андешаронӣ карда, дар назди масъулини вазорату идораҳои дахлдор вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Дастуру супоришҳои дигар ба раисони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, роҳбарони гурӯҳи корӣ оид ба корҳои ободониву бунёдкорӣ вобаста ба сарфаю сариштакор будани мардум, роҳ надодан ба исрофкорӣ, беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ, ҳамаҷониба омода намудани соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба хотири истиқболи арзандаи Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишт, дода шуд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои фаъолияти бахшҳои иқтисоди миллӣ, иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати кишвар раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят ва роҳбарони як қатор вазорату идораҳои давлатӣ ҳисобот доданд.

www.president.tj

# ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАРОИ БО МАҲСУЛОТИ БАРВАҚТӢ ТАЪМИН НАМУДАНИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ ИМКОНИЯТИ ЗИЁД ДОРАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара

27-уми апрели соли 2023

(Идома аз саҳ. 1)

Бо дарназардошти вазъи зикршуда, роҳбарону мутахассисони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ҷиҳати истифодаи самараноки заминҳо ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо тадбирҳои мушаххас андешанд.

Боғу токпарварӣ яке аз бахшҳои муҳими соҳаи кишоварзии вилоят ба ҳисоб рафта, дар ҳифзи амнияти озуқаворӣ, таъмини бозори истеъмолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат саҳми назаррас гузошта метавонад.

Вале қисми зиёди шаҳру ноҳияҳои вилоят иҷрои нақшаи бунёди боғу токзорҳо ва барқарорсозии онҳоро то 1-уми апрели соли 2023 таъмин накардаанд, ки андешидани тадбирҳои фавриро талаб менамояд. Таъкид менамоям, ки нақшаи бунёди токзорҳои нав дар вилоят ҳамагӣ 54 фоиз иҷро шудааст.

Дар мавсими тирамоҳу зимистон бо сабзавоту мева таъмин намудани бозори истеъмолии дохилӣ ва бо ин мақсад бунёди сардхонаҳо бо технологияҳои муосир, махсусан дар шароити ҳассоси имрӯза, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳоло дар вилоят 66 сардхона бо иқтидори умумии 24 ҳазор тонна мавриди истифода қарор дорад, ки ин нишондиҳанда барои пурра таъмин намудани эҳтиёҷоти бозори истеъмолӣ кофӣ нест. Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки дар вилоят бунёди гармхонаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар онҳо бояд вусъат дода шавад.

Вобаста ба ин, роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҷиҳати мунтазам таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватаниву хориҷӣ доир ба зиёд намудани майдони гармхонаву сардхонаҳои замонавӣ, ташкили корхонаҳои бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси марказҳои логистикӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳарчанд ки солҳои охир ҷалби сармояи хориҷӣ ба вилояти Хатлон афзуда истодааст, аммо барои таъмини ҳадафҳои гузошташуда, аз ҷумла дар самти ҷалби сармояи мустақим, то ба ҳол қонеъкунанда нест.

Соли 2022 ба вилоят ҳамагӣ 774 миллион сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб гардидааст.

Ҳарчанд ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021-ум 2,4 баробар зиёд мебошад, вале бо дарназардошти талабот ҳанӯз кам аст.

Ҳоло дар вилояти Хатлон барои расидан ба ҳадафу афзалиятҳои гузоштаи Ҳукумати мамлакат 43 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи онҳо то имрӯз 9,5 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Вале таъкид менамоям, ки дар татбиқи баъзе лоиҳаҳо камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд ва ҷиҳати бартараф кардани онҳо бояд чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Масалан, дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда муайян гардид, ки дар лоиҳаҳои идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Кӯлоб (маблағи умумии лоиҳа 54 миллион сомонӣ, аз он 69 фоиз аз худ шудааст) ва ноҳияи Ёвон (маблағи умумии лоиҳа 44 миллион сомонӣ, аз он 96 фоиз аз худ шудааст) ва лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Норак» (маблағи умумии лоиҳа 66 миллион сомонӣ, аз он 70 фоиз аз худ шудааст), ки аз соли 2017 татбиқ мегарданд, яъне дар зарфи зиёда аз 5 сол муҳлати татбиқи онҳо 3 – 4 маротиба тамдид гардида, маблағи лоиҳаҳо то ҳол пурра аз худ нашудааст.

Бинобар ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, роҳбарияти вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳои дахлдорро зарур аст, ки самаранок амалӣ гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бунёди сифатноки иншооти пешбинигардида, харидорӣ ва истифодаи мақсадноки техникаву таҷҳизотро таҳти назорати доимӣ қарор дода, камбудиҳои дар татбиқи лоиҳаҳо ҷойдоштаро ҳар чӣ зудтар бартараф намоянд.

Инчунин, бо дарназардошти ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, бояд дар самти ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди инфрасохторӣ ва рушди соҳаҳои афзалиятнок тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд. Зеро амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръат, ки дар доираи он мо солҳои 2022 - 2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон кардаем, бе вусъат додани ҷалби сармоя, инчунин, бе таъмин намудани соҳибкорони ватанӣ бо қарзҳои дарозмуддату арзони бонкӣ ғайриимкон мебошад.

Дар се моҳи аввали соли ҷорӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба иқтисодиёти вилоят ба маблағи 966 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 248 миллион сомонӣ ё 35 фоиз зиёд мебошад. Вале аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 44 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла ба соҳаи саноат ҳамагӣ 4 фоиз, рост меояд.

Нишондиҳандаҳои мазкур барои расидан ба ҳадафи стратегии кишвар оид ба саноатикунонии босуръат қонеъкунанда нестанд. Аз ин лиҳоз, Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки барои таъмин намудани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуҳлат чораҳои фаврӣ андешида, барои зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ, махсусан барои минтақаҳои дурдаст ва баландкӯҳ, тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар натиҷаи чораҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва имтиёзу сабукиҳои пешниҳодгардида барои рушди соҳибкорӣ ва соҳаи саноат дар се моҳи аввали соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 фоиз зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаи зикргардида қонеъкунанда набуда, тақвияти корро дар ин самт тақозо менамояд, зеро тибқи талаботи ҳадафи саноатикунонӣ суръати рушди саноат бояд на кам аз 20 фоиз таъмин карда шавад.

Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии мамлакат аз рӯи натиҷаҳои семоҳаи аввали соли равон ҳамагӣ 23,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра ҳамагӣ 51 корхонаву коргоҳи нав бо 286 ҷойи нави корӣ таъсис ёфтааст, ки бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда нокифоя мебошад. Илова бар ин, дар се моҳи аввали соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Панҷ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 фоиз, Кӯшониён - 31, Муъминобод - 20 ва Ховалинг 13 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар ин давра аз 766 корхонаи саноатии вилоят 31 корхона умуман фаъолият накарда, дар 92 корхона суръати рушд таъмин нагардидааст. Инчунин, аз 202 номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсолшаванда истеҳсоли 51 номгӯй нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Илова бар ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ба ҳол як қатор корхонаҳои саноатии хусусигардонидашуда пурра ё бо иқтидори кофӣ фаъолият надоранд ва аз тарафи соҳибмулкон доир ба масъалаи таҷдиду барқарорсозии технологии онҳо ягон чора андешида нашудааст. Аз ин рӯ, Вазорати саноат ва технологияҳои навро зарур аст, ки якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сармоягузорон барои ҷоннок намудани фаъолияти корхонаҳои амалкунанда ва барқарорсозии фаъолияти корхонаҳои аз кор бозмонда чораҳои муассир андешад.

Ҳамчунин, ба роҳбарону мутахассисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки фаъолиятро дар самти ташкили корхонаҳои коркарди ашёи хом, хусусан коркарди меваю сабзавот, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва ҷалби соҳибкорон, ба ин самт тақвият бахшанд.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди беҳтар гардидани вазъи корҳо вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ дар вилоят, имкониятҳои истифоданашуда дар ин самт ҳоло ҳам зиёд мебошанд.

Сарфи назар аз он ки ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ дар вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта якуним баробар афзоиш ёфтааст, вале бо дарназардошти супоришҳои қаблан додашуда оид ба пурра таъмин намудани талаботи хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ кор дар ин самт дар шаҳру ноҳияҳои вилоят суст ба роҳ монда шудааст.

Сатҳи таъминнокӣ бо либоси мактабии истеҳсоли худӣ дар вилоят соли 2022-юм 49,5 фоиз ва дар се моҳи аввали соли 2023 ҳамагӣ 1,5 фоизро ташкил кардааст, ки умуман қонеъкунанда нест. Бинобар ин, роҳбарияти вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ҷиҳати ислоҳи ин камбудӣ чораҳои фаврӣ андешанд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки бо вуҷуди супоришҳои қатъӣ доир ба таъсиси корхонаҳои коркарди пӯст то имрӯз дар вилоят, ба истисноии як корхона дар ноҳияи Данғара, ки соли 2022 ба истифода дода шуд, дигар ягон корхона дар ин самт таъсис дода нашудааст.

Вилояти Хатлон аз лиҳози чорводорӣ низ минтақаи калонтарини кишвар мебошад, вале ба масъалаи коркарду истифодаи пашму пӯсти чорво эътибори зарурӣ дода намешавад.

Вазорати саноат ва технологияҳои навро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сармоягузорон доир ба ташкили корхонаҳои коркарди пашму пӯст, истеҳсоли пойафзол ва дигар намудҳои маҳсулоти чармӣ чораҷӯӣ намояд.

Дар се моҳи аввали соли 2023 аз вилояти Хатлон ҳамагӣ ба маблағи 172 миллион сомонӣ молу маҳсулот, аз ҷумла ба маблағи 7,6 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ содирот шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо қонеъкунанда нестанд.

Дар баробари ин, дар ин давра ба вилоят ба маблағи садҳо миллион доллар молу маҳсулот ворид шудааст. Ҳол он ки барои истеҳсоли онҳо дар вилоят захираву имкониятҳои фаровон мавҷуданд.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор рушди соҳаҳои саноати сабуку хӯроквори, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва дорусозиро бо ворид намудани технологияҳои муосир ва истифодаи ҳар чӣ бештар аз захираҳои ашёи хоми вилоят, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш, таъмин карда, ба ин васила ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашударо афзоиш диҳанд. Аз ҷумла, оид ба ташкили корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва ба ин васила ҳар чӣ бештар таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, хусусан, ҷиҳати бо шуғли доимӣ фаро гирифтани ҷавонон чораҷӯӣ намоянд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ барои таъмин намудани рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилояти Хатлон ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо беш аз 65 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шудааст.

Дар ин давра танҳо барои дастгирии буҷети шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 6,2 миллиард сомонӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) ҷудо гардидааст. Ҳарчанд ки то имрӯз 5 ноҳияи вилоят аз рӯйхати ноҳияҳои субвенсионӣ бароварда шудааст, то ҳанӯз 15 шаҳру ноҳияҳои дигар ҳамчун ноҳияҳои субвенсионӣ боқӣ мондаанд.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҷиҳати дар солҳои минбаъда афзоиш додани сарчашмаҳои даромади дохилии буҷетҳои маҳаллӣ ва кам кардани ҳиссаи мусоидати молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Бо вуҷуди дар се моҳи аввали соли 2023 дар сатҳи 102 фоиз иҷро гардидани нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо дар вилоят, қисми хароҷоти буҷети он пурра таъмин нашудааст, ки аз ин ҳисоб ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии вилоят беш аз 31 миллион сомонӣ маблағ кам равона гардидааст. Инчунин, қисми зиёди шаҳру ноҳияҳои вилоят уҳдадориҳои андозии худро аз рӯйи баъзе намуди андозҳо, яъне сифатнокии иҷрои нақшаи андозро таъмин накардаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 21 миллион сомонӣ ворид нашудааст. Ҳамчунин, бақияи қарзи андозҳо дар вилоят то 1-уми апрели соли ҷорӣ 165 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки бояд бартараф карда шавад.

Бинобар ин, ба роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати молия ва Кумитаи андоз ҷиҳати сари вақт ва пурра ҷамъоварӣ намудани андозҳо, кам кардани бақияпулии онҳо ва роҳ надодан ба қарздории музди меҳнат тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи таҳлилҳо, дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида вазъи муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон беҳтар гардида истодааст.

Вале зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисос тамоми имкониятҳо равона карда шаванд.

Гарчанде дар вилоят 1148 маркази инкишофи кӯдак ва 162 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дорад, вале фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ ҳамагӣ 15 фоизро ташкил медиҳад, ки ба талабот ҷавобгӯй нест.

Ҳамзамон бо ин, дар вилояти Хатлон то ба ҳол 16 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар се баст фаъолият дорад, ки ҷиҳати ҳалли ин масъала бояд ҳар чӣ зудтар чораҷӯӣ карда шавад.

Ҳоло дар вилоят 131 бинои муассисаи таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 93 бино ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

Мушкилоти дигари соҳаи маорифи вилоят норасоии кадрҳо мебошад, ки бояд ҳар чӣ зудтар бартараф карда шавад.

Дар вилоят иҷрои барномаҳои дар соҳаи маориф қабулшудаи давлатӣ низ дар сатҳи паст қарор дорад.

Таъкид месозам, ки соҳаи маориф минбаъд низ ҳамчун самти калидии сиёсати иҷтимоии Давлату Ҳукумат боқӣ монда, барои рушди ин соҳа пайваста тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бояд якҷо бо Вазорати маориф ва илм барои ҳалли камбудиҳои ҷойдошта, хусусан таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва иҷрои саривақтиву босифати барномаҳои давлатии қабулгардида тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Ҳамчунин, ба роҳбарияти вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои он ва Вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки барои бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла ташкили марказҳои инкишофи кӯдак, чораҳои зарурӣ андешанд.

Масъулини вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои шуғлнокӣ ва соҳибкасб гардонидани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд, тадбирҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Илова бар ин, бояд сифати таҳсилот ва касбомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда, омӯзиши ихтисосу ҳунарҳоеро, ки барои бозори меҳнат заруранд, ба роҳ монанд ва ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони вилоят, бахусус ҷавонон ва занону бонувон, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳифзи сиҳатии мардум ва мунтазам беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад, ки зери таваҷҷуҳи хоссаи Давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Ҳоло дар вилояти Хатлон 1785 муассисаи тандурустӣ бо 4374 нафар табиб ва 20356 нафар корманди миёна, аз ҷумла 163 муассисаи хусусии тиббӣ бо 400 нафар табиб ва 384 корманди миёна, ба сокинони шаҳру ноҳияҳо хизмат мерасонанд.

То давраи соҳибистиқлолӣ дар вилоят ҳамагӣ 965 муассисаи тандурустӣ бо 2944 нафар табиб ва 11057 нафар корманди миёна фаъолият дошт. Яъне, дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ шумораи муассисаҳои тандурустии вилоят қариб 2 баробар зиёд шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар вилоят боз 9 муассисаи тандурустӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки соли 2022-юм ва 3 моҳи аввали соли 2023-юм 115 нафар табибон ва 634 нафар кормандони миёнаи тиб аз кор рафтаанд. Имрӯз дар муассисаҳои тандурустии вилоят 893 воҳиди кории табибон холӣ мебошад. Оид ба ҳалли мушкилоти зикршуда супоришҳои мушаххас дода шуда буданд, аммо вазъ ҳамоно ташвишовар боқӣ мондааст.

Соли 2022 аз вилояти Хатлон 803 нафар донишҷӯён муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо ихтисоси табиб хатм кардаанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббӣ аз вилояти Хатлон беш аз 5500 нафар донишҷӯён таҳсил доранд ва дар соли 2023-юм 700 нафари онҳо муассисаҳои мазкурро ҳатм менамоянд.

Илова бар ин, ҳолати иҷрои «Барномаи давлатии рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Хатлон барои солҳои 2021 – 2025» беҳбудиро талаб мекунад. Зеро то имрӯз 32 фоизи тадбирҳои дар он пешбинишуда, ки ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дахл дорад, иҷро нагардидааст.

Камбудиҳои зикргардидаи соҳаи тандурустӣ дар вилоят, пеш аз ҳама, аз норасоии фаъолияти роҳбарону масъулони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он гувоҳӣ медиҳанд, ки хеле нигаронкунанда мебошад.

Бори дигар таъкид менамоям, ки роҳбарияти вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ доир ба бартараф кардани норасоии табибон ва кормандони миёнаи тиб, фароҳам сохтани шароити хуби корӣ барои кормандони соҳаи тиб ва рафъи дигар камбудиҳои ҷойдошта чораҳои қатъӣ андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳоло мехоҳам андешаҳои худро доир ба вазъи риояи қонунияту тартибот ва волоияти қонун дар вилояти Хатлон, камбудиву норасоиҳо ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта иброз намоям.

Тибқи таҳлилҳо сатҳи содиршавии ҷиноят дар 3 моҳи аввали соли 2023 тамоюли пастравӣ дошта, 1606 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 202 ҷиноят ё 11,1 фоиз кам мебошад.

Дар баробари ин, содиршавии ҷиноятҳои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, хариду фурӯши одамон, ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ, тамаъҷӯӣ 100 – фоизӣ зиёд гардида, қочоқи маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ беш аз 62 фоиз ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор қариб 22 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2023 аз ҷониби ноболиғон ва бо иштироки онҳо дар ҳудуди вилоят 32 ҷиноят содир шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 45 ҳолат кам мебошад.

Бояд гуфт, ки дар баъзе муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи маорифи вилоят, ҳолатҳои суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тасарруфи маблағҳои буҷетӣ, воситаҳои асосӣ ва дигар ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ҷой дошта, дар ин самт 82 парвандаи ҷиноятӣ оғоз, тафтиш ва барои баррасӣ ба суд ирсол карда шудааст.

Дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ошкоркунии он дар давоми соли 2022 аз 267 ба 275 ҳолат зиёд шудааст ва дар давоми 3 моҳи аввали соли 2023 ин намуди ҷиноят аз 54 ба 63 ҳолат расидааст.

Мақомоти дахлдор дар соли 2022 ва семоҳаи аввали соли 2023-юм 519 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии дорои хусусияти коррупсиониро ошкор ва 435 парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардаанд. Ҳамчунин, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 354 ҷинояти хусусияти террористиву экстремистидошта ошкор ва аз рӯи ин ҳолатҳо нисбат ба 350 нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Тибқи маълумоти расмӣ то 1-уми марти соли 2023-юм 1905 нафар сокинони вилоят дар давлатҳои хориҷӣ ба таҳсили ғайриқонунии динӣ фаро гирифта шудаанд, ки то имрӯз 1796 нафари онҳо ба ҷойҳои зисти доимии худ баргардонида шуда, ҳоло 109 нафар дар хориҷи кишвар қарор дорад.

Сатҳи баланди ифротгароӣ ва шомилшавии сокинон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ бештар ба шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қубодиён, Шаҳритус, Кӯшониён, Вахш ва Фарҳор рост меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кор вобаста ба амалишавии «Стратегияи муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025» дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Кӯлоб, Вахш, Хуросон, Ёвон, Данғара, Фарҳор ва Темурмалик суст ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи маълумот, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҷудо кардан, харидуфурӯши ғайриқонунии замин ва ғасби худсаронаи он то ҳол аз байн нарафтаанд.

Дар ин самт тайи як солу се моҳи охир 7392 қонунвайронкунӣ ошкор гардида, 3977 нафар ба ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида шудааст.

Барои ғайриқонунӣ додани замин, худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои мансабӣ ва ҷиноятҳои дорои хислати коррупсионии ба замин алоқаманд, 603 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

Бо санадҳои эътиноии прокурорӣ 7816 гектар қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда ва ғайриқонунӣ тақсимгардида ба ҳолати аввала баргардонида шудаанд.

Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки содиршавии қонунвайронкуниҳои замин аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти дахлдори давлатӣ, ки худ мутасаддии пешгирӣ ва бартараф намудани қонуншиканӣ мебошанд, то ба ҳол ҷой доранд.

Дар ҷараёни санҷишҳо дар вилояти Хатлон 65 ҳолати ғасби замини муассисаҳои таълимӣ дар масоҳати қариб 21 гектар (Қубодиён 8 ҳолат, Ҷайҳун - 6, Кӯлоб - 6, Восеъ - 6, Абдураҳмони Ҷомӣ - 5, Дӯстӣ - 5, Шаҳритус - 5, Панҷ - 5, Темурмалик - 5, Кӯшониён - 4, Ёвон - 2, Хуросон - 2, Бохтар - 2, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Норак, Ховалинг ва Фарҳор як ҳолат) ошкор гардидааст. Дар аксарияти ҳолатҳо бо қарори раисони шаҳру ноҳияҳо таъиноти заминҳо барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ ё иншооти хизматрасонӣ иваз карда шудаанд.

Бо дарназардошти вазъи зикргардида, роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор карда мешаванд, ки фаъолиятро дар ин самт ба таври ҷиддӣ ҷоннок намоянд ва доир ба пешгирӣ кардани ҳама гуна қонуншиканиву ҷинояткорӣ ва таъмин намудани волоияти қонун чораҳои қатъӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар доираи Нақша - чорабиниҳои Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар вилоят сохтмону барқарорсозии беш аз 1200 иншооту биноҳо ба анҷом расонида шудааст, ки 19,2 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Зимни сафари корӣ мо ду рӯз пеш дар шаҳри Левакант ба фаъолияти истеҳсолии марҳилаи якуми корхонаи «Азот» бо иқтидори истеҳсоли 90 ҳазор тонна карбамид дар як сол оғоз бахшидем.

Инчунин, агрегати охирини Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» ба фаъолият оғоз кард. Яъне, неругоҳ ба маблағи беш аз 1 миллиарду 400 миллион сомонӣ баъд аз таҷдиду азнавсозӣ пурра ба кор андохта шуд.

Дар натиҷаи корҳои азнавсозӣ, бо дарназардошти аз 240 мегаватт ба 270 мегаватт расонида шудани иқтидори лоиҳавии неругоҳ ва барқарорсозии тавоноии коҳишёфтаи он, ки дар тӯли 61 соли фаъолият ба 165 мегаватт фаромада буд, иқтидори неругоҳ 110 мегаватт зиёд гардид. Яъне, баъд аз таҷдид ба Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» умри дубора бахшида, иқтидори он амалан 1,6 баробар баланд бардошта шуд.

Ҳамзамон бо ин, вазъи иҷрои корҳоро дар лоиҳаи «Таҷдиду азнавсозии қитъаи Қизилқалъа – Бохтари роҳи автомобилгарди Душанбе – Бохтар» ба дарозии 9,8 километр аз назар гузаронида, ҷиҳати оғози корҳои сохтмон дар қитъаи Бохтар – Данғара ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Бохтар – Левакант – Данғара – Кӯлоб» барои навсозии 69 километр роҳ санги асос гузоштем.

Вале хотирнишон менамоям, ки вазъи иҷрои нақшаи чорабиниҳои ҷашнӣ на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят қонеъкунанда мебошад. Иҷрои нақша дар шаҳру ноҳияҳои Ховалинг ҳамагӣ 8 фоиз, Кӯлоб - 10, Бохтар - 10, Ҷайҳун - 11, Балҷувон - 11, Данғара - 14, Муъминобод - 14, Абдураҳмони Ҷомӣ - 14, Ёвон - 15 ва Вахш 15 фоизро ташкил медиҳад.

Раисони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо роҳбарони гурӯҳи корӣ оид ба корҳои ободониву бунёдкорӣ вазифадоранд, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳоро зери назорати доимӣ қарор дода, ҷиҳати дар муҳлатҳои муайяншуда супоридани иншооти ҷашнӣ ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷударо сафарбар созанд.

Вобаста ба ин, таъкид менамоям, ки корҳои ободониву бунёдкорӣ, пеш аз ҳама, бояд ба таъсиси корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, бунёди инфрасохтори зарурӣ, бо санъати баланди меъморӣ амалӣ намудани сохтмони иншооту биноҳо ва дар ин раванд баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ равона карда шаванд.

Дар ин росто, зарур аст, ки ба масъалаи таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилӣ, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва таъмини бехатарии мардум диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамчунин, тарбия ва интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, махсусан, аз ҳисоби ҷавонон ва духтарону бонувони болаёқат низ вазифаи бевоситаи шумо – роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, кумитаҳои оид ба корҳои ҷавонон, занон, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мебошад.

Такроран таъкид месозам, ки бо дарназардошти вазъи бесуботи бозорҳои ҷаҳонӣ мо бояд ба мардум мунтазам хотиррасон намоем, ки сарфаю сариштакор бошанд, ба намоишкориву зоҳирпарастӣ ва исрофкорӣ роҳ надиҳанд, имкониятҳоро барои беҳтар кардани шароити зиндагии аҳли оила ва фарзандони хеш сарф намоянд.

Дар робита ба ин, боз як нуктаи дигарро хотирнишон менамоям. Вақтҳои охир сафари ҳаҷ, аз ҷумла ҳаҷҷи умра, дар байни сокинони баъзе минтақаҳои кишвар ба як маъракаи ҳатмӣ ва ҳатто ба мусобиқаи оилавию авлодӣ ва як намуди саёҳату тиҷорат табдил ёфтааст.

Баъзе ашхос се – чор бор ва ҳатто аз ин ҳам бештар ба ҳаҷ рафта истодаанд. Ин коре, ки ҳамватанони мо анҷом дода истодаанд, ғайр аз таассуб ва тақлид номи дигар надорад.

Тибқи таҳлилу мушоҳидаҳо, шахсоне, ки ба зиёрат мераванд ва ҳатто тифлону кӯдаконро низ ҳамроҳ мебаранд, фикр намекунанд, ки одобу русуми ҳаҷравӣ аз чӣ иборат аст, шароити манзили зист ва зиндагии аҳли оила, фарзандон ва наздикону пайвандонашон дар чӣ ҳол қарор дорад.

Фарзандон бояд ғизои хушсифат, сарулибоси мувофиқ ва шароити хуби дарс хондану таълим гирифтан дошта бошанд, то ин ки ҷисман солим ба камол расанд, бесавод намонанд ва дар оянда ҳамчун кадри баландихтисос ба давлат ва падару модари худ хизмат кунанд.

Мо ин масъаларо борҳо таъкид кардаем ва ҳоло бори дигар хотиррасон месозем, ки савоб, пеш аз ҳама, дар хизмати падару модар, ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо, ободии хонаву кошона, зиндагии осудаи аҳли оила, хешу табор, ҳамсояҳо, кумак ба ятимону маъюбон, муҳтоҷону камбизоатҳо ва аз рӯйи имкон саҳм гузоштан дар ободии Ватан мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки мардуми мо падарро беҳуда «қиблагоҳ» намегӯянд.

Такроран таъкид менамоям, ки ҳамватанонамон, қабл аз сафари ҳаҷ як лаҳза дар сари ин масъалаҳо ва вазъи ҷаҳони имрӯза андеша карда, маблағи бо заҳмати зиёд бадастовардаашонро барои таълиму тарбияи фарзандон, бартарафсозии камбудиҳои рӯзгор, беҳтар кардани шароити зиндагии худ, кумак ба ятимону маъюбон ва ниёзмандону камбизоатҳо сарф намоянд.

Ҳамзамон бо ин, роҳбарону масъулони вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва вазорату идораҳои мамлакатро зарур аст, ки аз ҳоло барои ҳамаҷониба омода намудани соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023 – 2024 чораҷӯӣ карда, ҷиҳати пешгирӣ намудани такрорёбии камбудиву мушкилоти солҳои пеш рухдода тадбирҳои муассиру саривақтӣ андешанд.

Бори дигар хотиррасон менамоям, ки ба корҳои ободониву созандагӣ сафарбар намудани мардум, хусусан ба хотири истиқболи арзандаи Ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, истифодаи самараноку оқилона аз имконияту захираҳои фаровони вилоят, ҳалли саривақтии мушкилоту масъалаҳои ҳаёти сокинони калонтарин вилояти кишвар вазифаи ҷониву бевоситаи ҳар яки шумо – роҳбарон ва масъулину фаъолон мебошад.

**Ба ҳамаи шумо барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда барори кор мехоҳам.**

**Саломат бошед!**

Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харидя | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414988 | Шуъбаи фарҳанги МИҲД-и шаҳри Ҳисор | Асбоби мусиқӣ ва дастгоҳи тақвияти овоз дар маҷмӯъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 5.05.2023 16:40:48 |
| 2 | 414991 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи «Қаратоғ» | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, рахти хоб ва молҳои нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 101 | 5.05.2023 16:50:00 |
| 3 | 414992 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 310 | 5.05.2023 17:55:00 |
| 4 | 414986 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Корҳои таъмирӣ оид ба кандану шинондани гулсанг ва сангҳои канораи бетонӣ дар кӯчаю хиёбони ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.05.2023 15:50:00 |
| 5 | 414987 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Корҳои таъмирӣ оид ба кандану шинондани гулсанг ва санги канораи бетонӣ аз Деҳнаваки поён то кӯчаи Раҳмон Абдуллои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.05.2023 15:55:00 |
| 6 | 414989 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.05.2023 16:00:00 |
| 7 | 414993 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и шаҳри Бохтар | Ранг ва ҳалкунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 17.05.2023 09:00:40 |
| 8 | 414990 | Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе | Маводи канселярӣ ва хоҷагӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 17.05.2023 09:10:00 |
| 9 | 414994 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Носири Хусрав | Идомаи корҳои сохтмонии «Хонаи 12-ҳуҷрагӣ, воқеъ дар шаҳраки Баҳори Ҷамоати деҳоти Фирӯзаи ноҳияи Носири Хусрав» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.05.2023 09:10:10 |
| 10 | 414996 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №13-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 17.05.2023 09:20:40 |
| 11 | 414995 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷевони ҳаракаткунандаи бойгонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.05.2023 09:30:00 |
| 12 | 415003 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 17.05.2023 10:00:00 |
| 13 | 415004 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, масрафӣ ва насоси обкашӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 17.05.2023 10:25:00 |
| 14 | 414997 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Шипанги кандакорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.05.2023 11:00:00 |
| 15 | 414998 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 17.05.2023 11:00:00 |
| 16 | 414999 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Сарулибоси рақсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 17.05.2023 11:00:00 |
| 17 | 415000 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Сарулибоси рақсӣ ва бутафору реквизитҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 17.05.2023 11:00:00 |
| 18 | 415001 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 60 | 17.05.2023 11:00:00 |
| 19 | 415002 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон | Тахтаи канорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.05.2023 11:00:00 |
| 20 | 415006 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагӣ, барқӣ, ноқилҳои гуногун, техникаи маишӣ ва дастгоҳи кафшергарӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 17.05.2023 11:50:37 |
| 21 | 415007 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 17.05.2023 14:10:00 |
| 22 | 415008 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К. Ахмедов» | Доруворӣ ва молҳои масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 17.05.2023 14:10:00 |
| 23 | 415009 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К. Ахмедов» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 17.05.2023 14:10:00 |
| 24 | 415011 | Муассисаи давлатии «Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 17.05.2023 14:10:00 |
| 25 | 415005 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 17.05.2023 14:30:00 |
| 26 | 415010 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 17.05.2023 15:10:00 |
| 27 | 415012 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории шуъбаи ҷарроҳии беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.05.2023 17:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

---

**ҶСК «АЛИФ БОНК»**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ**

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5 | 120,025 | 83,499 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5 | (30,870) | (25,239) |
| **Даромади софи фоизӣ то таъсири хароҷот аз руи талафоти қарзӣ** | | **89,155** | **58,260** |
| Ташаккули захира аз руи талафоти қарзӣ | 13 | (2,847) | (7,718) |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **86,308** | **50,542** |
| Даромад аз хизматрасонӣ ва комиссия | 6 | 46,670 | 16,464 |
| Хароҷоти хизматрасонӣ ва комиссия | 6 | (53,335) | (20,428) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ ва комиссия** | | **(6,665)** | **(3,964)** |
| Зарари соф аз воситаҳои молиявии деривативӣ | 7 | (34,022) | (5,673) |
| Даромади соф аз амалиёт бо асьори хориҷӣ | 8 | 108,097 | 18,818 |
| Ташаккули захира аз рӯи амалиёти дигар | | (266) | (469) |
| Дигар даромад/(хароҷот) | | 1,126 | (341) |
| **Дигар даромади ғайрифоизӣ** | | **74,935** | **12,335** |
| **Даромади амалиётӣ** | | **154,578** | **58,913** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 9 | (101,115) | (74,285) |
| **Даромад/(зарар) то андозбандӣ** | | **53,463** | **(15,372)** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 10 | (10,119) | (38) |
| **ФОИДА/(ЗАРАРИ) СОФИ СОЛ** | | **43,344** | **(15,410)** |
| **ДАРОМАД/(ЗАРАРИ) УМУМИИ СОЛ** | | **43,344** | **(15,410)** |
| Фоида/(зарар) аз рӯи саҳмия, оддӣ ва тақсимшуда (бо сомонӣ) | 24 | 446.4 | (234.2) |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Гуланор Атобек**
**И.в. Раис**

**Комрон Рустамов**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶСК «АЛИФ БОНК»**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ ДАР САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 11 | 1,113,561 | 130,914 |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | 12 | 69,111 | 28,795 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 13 | 438,842 | 389,461 |
| Воситаҳои асосӣ | 14 | 37,871 | 23,868 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 15 | 26,000 | 29,099 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 16 | 24,230 | 15,348 |
| Дороиҳои мавқуфгузошташудаи андоз аз фоида | 10 | 15,814 | 13,452 |
| Дигар дороиҳо | 17 | 24,803 | 24,630 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **1,750,232** | **655,567** |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| УҲДАДОРИҲО: | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 18 | 24,966 | 7,621 |
| Амонатҳои мизоҷон | 19 | 1,392,134 | 350,861 |
| Уҳдадориҳои иҷоравӣ | 15 | 29,446 | 33,829 |
| Қарзҳо барои пардохт | 20 | 86,333 | 120,633 |
| Қарзҳои субординарӣ | 21 | 25,831 | 28,366 |
| Уҳдадориҳои андоз аз фоидаи ҷорӣ | | 5,489 | 1,139 |
| Дигар уҳдадориҳо | 22 | 35,687 | 23,490 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **1,599,886** | **565,939** |
| САРМОЯ: | | | |
| Сармояи саҳмӣ | 23 | 95,282 | 95,282 |
| Сармояи изофа | 23 | 20,370 | 2,996 |
| Захираҳои умумӣ | | 6,369 | 6,369 |
| Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | 240 | 240 |
| Фоидаи тақсимнашуда/(зарари ҷамъшуда) | | 28,085 | (15,259) |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **150,346** | **89,628** |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **1,750,232** | **655,567** |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Гуланор Атобек**
**И.в. Раис**

**Комрон Рустамов**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

## ЭЪЛОН!

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сино фарма» ҳаҷми сармояи оинномавии худро аз 586000 (панҷсаду ҳаштоду шаш ҳазор) сомонӣ ба 4000 (чор ҳазор) сомонӣ кам менамояд.

## ДАРАК ДИҲЕД!

Сокини шаҳри Хуҷанд, кӯчаи М. Горкий, хонаи 127 Ахмедов Толибҷон Тохирҷонович (санаи таваллудаш 22-юми ноябри соли 1972) соли 1995 аз хона баромада рафта, то ҳол барнагаштааст. Аз ҳама шахсоне, ки дар бораи Ахмедов Т.Т. маълумоте доранд, хоҳишмандем ба писараш Ахмедов Далерҷон бо телефони 92-850-90-90 хабар диҳанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ № 1461929-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 14-уми декабри соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 85/1, ҳуҷраи 40 ба Одинаев Шодӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №333529-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1994 ба Ташбаева Якутхон Махсуджановна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 01948526-и гумшуда, ки онро ШВКД Сино-1 дар шаҳри Душанбе 11-уми июни соли 2019 ба Аминова Дилором Искандаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2020 ба Одинаев Фатҳулло Саидаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти қайди 7И-205-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 24-уми апрели соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Чортеппа, ҳавлии №90 ба Файзуллоева Тоҷӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши қисми бинои силсилаи СД №0363322-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 22-юми июли соли 2009 бо суроғаи шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, хонаи берақам ба Икромов Муҳаммадджон Джумаевич ва Икромов Муталиб Джумаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории таҳти қайди 10676-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 7-уми кӯчаи Чехов, ҳавлии №3 ба Ҷӯраев Муминҷон Имомалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Неъматов Толиб додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати № 0301066 таҳти қайди 1759-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Роғун ба Меликов Қиёмиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии №03937930-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 22-юми ноябри соли 2021 ба Гуломалиев Наим Набиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДМБ № 0005309 таҳти рақами қайди 18685-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур санаи 21-уми июни соли 1999 ба Алимов Эраҷ Абдурахимович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Кулиева Хуршеда (РЯМ 1230212253) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ПП №0027899 таҳти қайди 214-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) соли 1999 ба Изомидинов Саймудин додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯш таҳти қайди 2Д-170-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе санаи 31-уми марти соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 126, ҳуҷраи 15 ба Бобоева Кароматт додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии Д 18981-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2019 ба Давлатзода Неъматулло Иззатулло додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии Д 19613-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2019 ба Азамзода Тиллохоҷа Назрхуҷа додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ПВ №787482 бо қайди №44-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) соли 1988 ба Рашидбекова Ошурбека Алифбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ ба Шарипов Абдулхамид Ҳакимович додааст ва дафтарчаи нафақаи гумшудаи шахси дар боло зикргардида, эътибор надоранд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «КИА Тоҷикистон» (РЯМ 0310022341, РМА 030034232), ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 1-уми октябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Кроун Майнинг солюшенс» (РЯМ 0210029775), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0267557 буда, 9-уми декабри соли 2021 дар Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

---

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Funded by European Union Humanitarian Aid · IFRC · Finnish Red Cross · German Red Cross · Croce Rossa Italiana

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Салиби Сурхи Олмон дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):**

**Лоти 1:** Гузаронидани баҳодиҳии фарогирӣ (шахсони маъюб) дар деҳаҳои мақсаднок аз ТҶ «Лигаи бонувони маъюб».

**Лоти 2:** Ташкили шароит барои гузаронидани тренинг дар мавзӯи «Арзёбии эҳтиёҷмандӣ ва ҷамъоварии маълумот» аз рӯи лоиҳаи ECHO PPP дар шаҳри Хуҷанд.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо *то* **12-уми майи соли 2023**, соати $9^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

## ЭЪЛОН!

### АЗ НОМИ СУДИ ОИЛАВИИ 24, Ҷумҳурии Туркия АНҚАРА

**РАҚАМИ ПАРВАНДА: 2021/397**
**ДАЪВОГАР: АҲМЕТ АЯН**
**ҶАВОБГАР:**
**САЛОМАТ АЯН (ШЕРОВА)**
**НАМУДИ ДАЪВО: ҚАТЪИ НИКОҲ**

Мутобиқи даъвои қатъи никоҳ, ки аз ҷониби даъвогар Аҳмет Аян ба ҷавобгарии Саломат Аян (Шерова) пешниҳод шудааст.

Аз ҷониби суди мо ба ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) ба суроғаи Башпинар, маҳ. 1109/1 сок. № 87 Алтиндаг/Анкара даъватнома фиристода шуд ва тибқи таҳқиқот, даъватнома ба ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) дар суроғаи зикргардида нарасидааст. Аз ин рӯ, тасмим гирифта шуд, ки ба ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) даъватномаи такрорӣ фиристода шавад.

**Эълон карда мешавад, ки муҳокима 26-уми майи соли 2023 соати $10^{00}$ баргузор мегардад.** Аз ин рӯ, барои бо роҳи сулҳомез ҳал намудан бояд омодагӣ дида шавад. Дар ҳолати ҳозир нашудани як тараф ва хоҳиши давом додани муҳокимаро доштани тарафи дигар, дар ғоибии тарафи ҳузурнадошта муҳокима баргузор мегардад ва нисбати натиҷаи он эътироз оварда намешавад.

Аз лаҳзаи эълони даъватномаи мазкур дар давоми ду ҳафта ҳуҷҷатҳои дар аризаҳо дарҷгардида, вале ҳанӯз пешниҳоднагардида, ба суд пешниҳод карда шавад. Дар ҳолати дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳо, аз истинод овардан ба он далелҳо дасткашида ҳисобида мешавад. Эълони мазкур тибқи моддаи 139 Қонуни судҳои ҳуқуқӣ ба ҷойи огоҳинома қабул карда мешавад.

---

**Садои мардум**
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 27 апрели соли 2023, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35690 нусха*

**Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва Ш. Абдулвоҳидова**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97**